# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 - Психологияи иҷтимоӣ**

Муаллифи рисола тавонистааст, ки дар ибтидо аҳамияти илмию амалии омӯзиши мавзӯи тадқиқшавандаро дар доираи системаи муносибатҳои оилавӣ ба роҳ монда, проблемаҳои психологии кӯдакони синни томактабии оилаҳои пошхӯрдаро ошкор созад. Дар муқаддимаи рисола, ҳамчунин мубрамияти мавзӯи тадқиқотӣ, сатҳи пажуҳиш, ҳадаф, вазифаҳои таҳқиқ, фарзия, навгониҳои аҳамияти амалию назариявидошта ва равишҳои таҳқиқ инъикос ёфтааст, ки аҳамияти илмии рисоларо афзун мегардонё ад.

Бешубҳа метавон гуфт, ки дар рисолаи мазкур як диди тоза, муносибати нав ба таҳқиқи мавзӯъ ба мушоҳида мерасад. Истифода аз равишҳои илмӣ ва доираи манбаҳои гуногуни соҳавӣ фароҳам оварда шудааст, ки диссертант ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил гардидааст.

Сохтори рисола хеле хуб тартиб додашуда, ба талаботи сохтори рисолаҳои номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳар бахши кори рисола давомдиҳандаи мантиқии бахшҳои дигар буда, якдигарро такмил медиҳанд.

Дар боби аввали рисола **«Асосҳои илмӣ назариявии омӯзиши проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра»** мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар он пошхӯрии оилаҳо ва таъсири он ба инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ шудааст.

Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабиро омӯхта, махсусияти

муносибатҳои байнишахсиро дар оилаҳои нопурра таҳлил ва шарҳ додааст.

Хулосаи муаллиф дар ин робита ба он воқеият аст, ки вобаста ба яктарафа будани таъсири волидайн (аксар вақт аз тарафи модар) дар ин самт проблемаҳои муайян вуҷуд дорад, ки минбаъд барои барпо намудани раванди иҷтимоишавӣ ва алоқаи иҷтимоии кӯдак бо муҳит монеа эҷод месозад.

Боби дувуми рисола **«Тадқиқи эмпирикии проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра (дар муқоиса бо оилаҳои пурра)»** ба тадқиқи масоили вобаста ба системаи муносибатҳои кӯдакон бахшида шуда, дар он асосноккунии интихоби методикаҳои тадқиқотӣ ва ошкор намудани проблемаҳои психологии системаи муносибати кӯдакон дар оила ба роҳ монда шудааст. Инчунин, барои ошкор кардани проблемаҳои психологии системаи муносибати кӯдакони синни томактабӣ муаллиф, як қатор методҳои тадқиқотиро истифода бурда, онҳоро бо хусусиятҳои этномаданиии мардуми тоҷик мутобиқ гардонидааст. Дар қисмати мазкур, барои натиҷаи дилхоҳи тадқиқотиро бадаст овардан, диссертант аз методҳои коркарди математикӣ, ҳисоби миёнаи Стюдент ва коррелятсияи Пирсонс истифода бурдааст, ки кори диссертатсиониро боз ҳам мустаҳкам менамояд. Натиҷаҳои бадастовардашударо бошад дар ҷадвалу диаграммаҳо бо фоиз нишон дода, ба таври фаҳмо шарҳ додааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳое ба назар мерасанд, ки бештар хислати техникиро дошта, аҳамияти илмии рисоларо кам намекунад. Бешубҳа метавон гуфт, ки муаллиф, ба ҳадафи тадқиқотии худ ноил гардидааст. Рисолаи илмӣ дорои аҳамияти калони илмию амалӣ буда, ба асоси меъёр ва талаботҳои муқарраркардаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо барои дарёфти унвони номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, рисолаи Сафарова Заррина Раҷабовна  дар мавзӯи **«Проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра»,** кори мустақилонаи илмӣ буда, дар он мавзӯи муҳими назариявӣ ва амалӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифта шудааст, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 дар бораи «Тартиби додани унвон ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)» ба рисолаи номзадӣ аз руйи ихтисоси 19.00.05 - Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он Сафарова Заррина Раҷабовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05-психологияи иҷтимоӣ сазовор дониста мешавад.

**Мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **А. Сатторов**

**Имзои мудири кафедраи педагогика ва психология, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент А. Сатторовро тасдиқ мекунам: Мудири шуъбаи кадрҳои Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ** **А. Раҳимова**

ШӮЪБАИ КАДРҲО